**ТДУ: 364.4;340;37.012.6 (575.3)**

**М.С. Муродова**

# ТИББИ ИҶТИМОӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***МТҒ “Донишкада тиббӣ–иҷтимоии Тоҷикистон”***

***Муродова Маҳина Сулаймоновна*** *- ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МТҒ “Донишкадаи тиббӣ–иҷтимоии Точикистон”E-mail: murodova.mahina1@mail.ru; Телефон: (+992) 92-806-98-19.*

***Мақсади таҳқиқот.*** *Муайян намудани мақоми тибби иҷтимоӣ дар низоми давлатӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Мавод ва усулҳои таҳқиқот.*** *Дар таҳқиқот аз сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ ва маводҳои интернетӣ, инчунин методҳои умумии лмии таҳқиқот ба монанди методи арзишӣ – меъёрӣ, таърихиву муқоисавӣ истифода гардиданд.*

***Натиҷаи таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.*** *Натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо маълум сохтани моҳияти тибби иҷтимоӣ дар низоми тандурустӣ ва маориф алоқаманд аст. Андешаҳои муаллиф дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ ва тиббӣ истифода гардиданд.*

***Хулоса.*** *Дар натиҷаи таҳлили маводҳои илмӣ ва оммавӣ муайян гардид, ки тибби иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушд ва ташаккул қарор дорад. Дар ин ҷода Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю кӯшиш дорад, ки низоми иҷтимоии кишварро бо мақсади таъмини хизматрасонии тиббӣ боз ҳам ҷонноктар намуда, барои ҳифзи саломатии мардум заминаҳои заруриро муҳайё созад.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *давлати иҷтимоӣ, тиб, тиббӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, тибби ҷамъиятӣ.*

***M.S. Murodova***

# *SOCIAL MEDICINE AND ITS STATUS IN THE STATE EDUCATIONAL SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Relevance****. The presented article was prepared in order to determine the status of social medicine in the state and educational system of the Republic of Tajikistan, since this issue is one of the topical issues of medical sciences and sociology of an independent country.*

***The result of the study and its discussion.*** *The scientific results of the study are related to clarifying the essence of social medicine in the health care and education system. The author's ideas were used in the process of teaching social and medical subjects.*

***Material and research methods.*** *The study used legal sources, scientific literature and Internet materials, as well as general scientific methods as normative-value, historical comparative.*

***Conclusion.*** *As a result of the analysis of scientific and public materials, it was determined that social medicine in the Republic of Tajikistan is in the process of formation and development. Here the Government of the Republic of Tajikistan is trying to make the country's social system even more alive, to provide social medicine, and to create the necessary foundations for protecting people's health.*

***Key words:*** *welfare state, medicine, social medicine, social rights, community medicine.*

**Мубрамият.** Масъалаи саломатии аҳолӣ дар низоми арзишҳои инсониву давлатӣ мавқеи аввалиндараҷаро ишғол мекунад, зеро он иқтидор ва захираи тавонои иҷтимоиву иқтисодӣ буда имкон медиҳад, ки сатҳи муносиб ва бехатарии ҳаёт ва аз ин рӯ рушди минбаъдаи он таъмин карда шавад. Саломатии ҷамъиятӣ бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ, рафторӣ, биологӣ, ирсӣ ва ғайра ташаккул меёбад, ки баъзан метавонад сабаби пайдо шудани беморӣ гардад ё хатари ҷиддиро ба саломатии инсон ба вуҷуд орад. Барои бартараф кардани таъсиррасонии омилҳои манфии таълим ва истифодаи асосҳои назариявию амалии тибби иҷтимоӣ зарурияти муҳимро пайдо мекунад. Дар асоси андешаҳои зикргардида моро зарур аст, ки нақши тибби иҷтимоиро ҳамчун самти нави таълим ва илми тиб мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор диҳем.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои пасошуравӣ мебошад, ки самти рушди давлати иҷтимоиро ҳамчун вазифаи худ қарор додааст. Хосияти иҷтимоии доштани давлати Тоҷикистон пеш аз ҳама дар Конститутсияи он дарҷ гардидааст: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [2]. Дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» самтҳои фаъолияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ оварда шуданд: ҳифзи меҳнат ва саломатии одамон; муаяйн будани ҳадди ақали музди меҳнат; ҳимоя ва ғамхории махсус нисбат ба модару кӯдак, маъюбон, беморон ва шаҳрвандони пиронсол; ташаккули низоми хизматрасонии иҷтимоӣ; таъмини нафақа, имтиёзҳо ва дигар амалҳои ҳимояи иҷтимоӣ. Аз ин рӯ кишвари соҳибистиқлоли моро зарур аст, ки дар самтҳои ташаккули фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ хусусияти иҷтимоии доштани худро ошкор намояд. Бинобар он масъалаи амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ дар соҳаи тиб яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Масъалаи иҷтимоӣ будани кишвар бо масъалаи ташаккул ва инкишофи тибби иҷтимоӣ пайваста аст. Барои дарки пурраи масъалаи таҳқиқшаванда ва фаҳми назариявию амалии он моро зарур аст, ки пеш аз ҳама ба мафҳуми тибби иҷтимоӣ аҳамият диҳем.

Мафҳуми тиббӣ иҷтимоӣ категорияи илми ҷомеашиносӣ ва тиб ба ҳисоб меравад. Он чун самти фаъолияти соҳаи тиб дар Тоҷкистон дар замони соҳибистиқлолӣ рушд ва нумӯ намуд. Тибби иҷтимоӣ натиҷаи омезиши тибби назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки пешгирии бемориҳо, ташхиси иҷтимоӣ ва дигар унсурҳои ҳолати рушди тибро бо илмҳои ҷомеашиносӣ, антропология, омор ва илмҳои табиатшиносӣ алоқаманд дониста, омилҳои иҷтимоии ташаккули саломатии ҷомеаро таҳлил месозад.

Дар замони муосир самтҳои асосии ташаккули тибби иҷтимоӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошанд:

– тавсифи беморӣ ва муайян намудани асосҳои иҷтимоии он;

– ташхиси бемориҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои пайдоиши он;

– сабабҳои паҳншавӣ ва интиқоли бемориҳо иҷтимоӣ;

– иҳтилофоти патологии ҷомеаҳои муайян;

– ташкили кори тиббию иҷтимоӣ;

– гигиенаи иҷтимоӣ (ғизо, меҳнат, маишии коммуналӣ, ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ва ғ.);

– экологияи иҷтимоӣ–тиббӣ;

– ташкилоти нигаҳдории тандурустӣ [6].

Яке аз масъалаи муҳими тибби иҷтимоӣ бо таъмини муҳити солими экологӣ алоқаманд аст, зеро бештари бемориҳои иҷтимоӣ дар замони муосир аз омилҳои табиӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста мебошанд. Масъалаи паҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва таъсири онҳо ба ҳолати рушди иҷтимоии кишвар ва вазъи тандурустӣ низ проблемаи меҳвариро дар соҳаи тибби иҷтимоӣ ба вучуд меорад.

Аз ин рӯ тибби иҷтимоӣ бо чунин самтҳои амалии тиб:

1. Тибби ҷамъиятӣ ба нигоҳ доштани сифати ҳаёт ва саломатии дар маҷмӯъ ҳам миллат ва ҳам ҳар як фард нигаронида шудааст. Он барои беҳтар намудани саломатӣ ва сатҳи зиндагии афроде, ки ба хушунат, терроризм ё баъзе бемориҳо дучор шудаанд, равона

мешавад. Инчунин дар чаҳорчӯбаи ин бахш пешгирӣ аз ҳолатҳои номатлуб ва мушкилоти оилаву издивоҷ ҳаллу фасл мегарданд.

2. Тибби пенитенсиарӣ ба омӯзиши ҳолати тиббӣ ва гигиенаи ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ (ҷамъиятҳои пӯшида) сарукор дорад. Фаъолияти он махсусан дар шароити демократияи имрӯза зуҳур ёфтааст, ки ба пайдо шудани шахсони дорои рафтори зиддиахлоқиву ҷамъиятидоштамонеа мешавад.

3. Тибби иҷтимоии ҳарбӣ ҳолати маънавӣ ва психофизикии иштирокчиёни маъракаҳои ҳарбӣ ва амалиётҳои ҳарбиро таҳқиқ намуда, нишондиҳандаҳои тахминии одамон ва минтақаҳои амалиёти ҳарбиро месанҷад. Айни замон тибби иҷтимоии ин бахш дар марҳилаи ташаккул ва таҳияи усулҳои дарёфт ва расонидани кӯмак ба шахсони осебдида қарор дорад.

4. Тибби сотсиологӣ падидаҳои нофаҳмо ва мураккаби тиббиро меомӯзад, ба қисмҳо ҷудо ва таҳлил мешавад. Масалан, пиршавии умумии аҳолӣ ё афзоиши шумораи одамоне, ки гирифтори бемории Алтсгеймер мебошанд. Илова бар ин, вай ба таҳқиқот оид ба дастовардҳои илмӣ ва амалӣ дар соҳаи генетикаи тиббӣ ва технологияҳои электронӣ машғул аст, ки метавонад ба ташкили ҷомеаҳои муосир таъсири назаррас расонад, алоқаманд мебошанд [6].

**Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо**. Тибби иҷтимоӣ ба омӯзиши проблемаҳои иҷтимоии тандурустии аҳолӣ, ташкили ёрии тиббию иҷтимоӣ ба аҳолӣ, муайян намудани нақши иҷтимоию иқтисодии нигаҳдории тандурустӣ дар ҷомеа машғул аст. Инчунин дар доираи тибби иҷтимоӣ назария ва таърихи саломатии аҳолӣ, асосҳои ташкилию идоракунӣ ва принсипҳои иқтисодии банақшагирӣ ва маблағгузории ёрии тиббию иҷтимоӣ ба аҳолӣ муайян карда мешавад.

Дар ибтидои асри гузашта табиби маъруфи немис Алфред Гротян бори нахуст аз фанни тиб курси лексияҳоро хонд, ки таъсири омилҳои иҷтимоиро ба саломатии аҳолӣ баррасӣ намуда, ҳолатҳои манфии онҳоро шаҳр додааст. Вай дар бораи назорати таваллуд, майзадагӣ, бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда маълумот дода, чун яке аз асосгузорони илми тандурустии ҷамъиятӣ эътироф гардидааст. Асарҳои Гротян ва пайвандони ӯ саросари кишварҳои олам паҳн гардида ба ташаккули тибби иҷтимоӣ сабаб шуданд.

Дар солҳои истиқлолият комёбиҳои тибби иҷтимоӣ дар бахшҳои афзалиятноки он дар афзун сохтани хизматрасонии тиббӣ мушоҳида мешавад. Дар соҳаи тандурустӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» (с.1997) ва баъдан Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2017) қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳоро новобаста аз шакли моликияташон дар соҳаи тандурустӣ дар мувофиқа бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим менамояд. Дар ҷумҳурӣ масъалаи ҳифзи модар ва кӯдак дар «Ҳуҷҷати стратегии паст намудани сатҳи камбизоатӣ» ва дар барнома «Консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2003–2015», «Консепсияи ислоҳоти ҳифзи саломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 2002), аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, самтҳои воқеии беҳтарнамоии ҳифзи саломатии модар ва кӯдакро бо роҳи ислоҳотнамоии бахши тандурустӣ дар назар дорад. «Нақшаи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саломатии репродуктивӣ дар давраи то соли 2030», масъалаҳои афзоиши аҳолӣ, саломатии бозтавлиди аҳолиро муайян намуда, оид ба усулҳои ба нақшагирии оила ва пешгиринамоии беxатар, самаранок ва қобили қабули ҳомиладорӣ иттилоот медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи Вируси норасогии масъунияти одам / Бемории пайдошудаи норасоии масъуният (ВНМО/БПНМ) таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, баҳри бартарафсозии он ҷораҳои заруриро меандешад. Аз соли 1997 Комитети гуногунбахши миллӣ фаъолият дорад. Аз соли 2002 Барномаи миллӣ оид ба тадбирҳои пешгирӣ аз беморӣ ва мубориза бар зидди ВНМО/БПНМ ва дигар бемориҳое, ки бо роҳи ҷинсӣ паҳн мешавад, то давраи соли 2007 қабул гардид. Соли 2002 Нақшаи Стратегии Миллӣ оид ба бартарафсозии таҳдиди ВНМО/БПНМ дар дав-

раи солҳои 2002–2005 қабул шудааст. Вазорати тандурустӣ Барномаи Стратегии муқовимат зидди паҳнгардии эпидемияи ВНМО/БПНМ дар солҳои 2004–2010 ва Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО/БПНМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2020–ро қабул намудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории минтақавиро дар самти мубориза бо ВНМО/БПНМ зарур медонад [5].

Бо мақсади амалинамоии Эъломияи умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ, ки аз ҷониби сессияи панҷоҳу якуми Ассамблеяи умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ қабул шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ то давраи соли 2030»-ро тасдиқ намуд. Дар дурнамо вазифаҳо ва баробарии аҳолӣ дар масъалаҳои ҳифзи саломатӣ, кам намудани сатҳи паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ, беҳтарнамоии саломатии равонии мардум, пешгирӣ ва пастгардонии ҳолатҳои осебгирии аҳолӣ ва ғайра чун уҳдадории давлатӣ дар бахши тандурустӣ маълум шуданд.

Дар Тоҷикистони муосир тибби иҷтимоӣ самти нави рушди таълим ва илми тиб ба ҳисоб меравад. Дастоварди муҳим дар ин соҳа кушода шудани Донишкадаи тиббӣ–иҷтимоии Точикистон мебошад, ки барои рушди соҳаи иҷтимоиёт ва махсусан тиб мақоми меҳвариро метавонад амалӣ созад. Дар муассиса мутахассисони соҳаи тиб дар самтҳои гуногун фаъолият доранд. Дар ин чода зарур аст, ки мутахассисон вобаста ба фаъолияти мухталифи ҷомеа маълумот гирифта, касбияти барҷастаи тиббиро соҳиб гарданд. Дар раванди таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ворид намудани таълими фанни тибби иҷтимоӣ метавонад ба касбият ва сифати касбомузии табибони оянда таъсири амиқ гузорад.

**Хулоса.**

1. Ҷомеаи муосир ба қадри кофӣ баркамол расидааст, ки мушкилотеро, ки дар салоҳияти тибби иҷтимоӣ қарор доранд, эътироф ва ҳал кунад. Вазифаҳои он, ба монанди ҳифзи саломатии аҳолӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ва рушдиояндаи ҷомеа бо ҳамоҳангии ҳама гуна арзишҳо ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ бо шароити иҷтимоӣ ва табиӣ иборат мебошанд.

2. Тибби иҷтимоӣ дар чорроҳаи илмҳои гуногун – тиб, сотсиология, гигиена, табиатшиносӣ ва ғайра қарор дорад. Тибби иҷтимоӣ илми ҷавон ва ояндадор аст. Дар ҷаҳони муосир мушкилоти солимии иҷтимоии аҳолӣ ба худ хусусияти ҷиддиро касб намуда, аксар вақт онро бо доруворӣ ва расмиёти стандартии тиббӣ ҳал кардан имконнопазир гардидааст. Дар ин фурсат истифодаи усулҳои тибби иҷтимоӣ ба одамон дар таъмини ҳифзи саломатӣ ва беҳбудии он кӯмак мерасонанд.

3. Зарурати омӯзиши тиббӣ-иҷтимоӣ дар низоми таълими тиб, маориф ва ҳаёти рӯзмарраи одамон, дар ҷомеаи муосир хело муҳим ва саривақтӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Василенко Н. Ю. Основы социальной медицины. М.: Эксмо, 2011. 129 с.

2. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2017. – 191 с.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

4. Лучкевич В. С. Основы социальной медицины и управления здравоохранением. М.: Просвещение, 1997. - 527 с.

5. Мартыненко А. В. Социальная медицина. М.: Юрайт, 2014. - 475 с.

6. Муродова Н.С. Ташаккули ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсионии Чумҳурии Тоҷикистон.Душанбе, 2021. 172 с.

7. Социальная медицина – это что такое? Основные...FB.ru›article/404282 /sotsialnaya–meditsina-eto…

8. Типовский А. П. Современные медицинские науки: краткий очерк. М.: ИНФРА–М, 2012. - 754 с.

9. Черносвитов Е. В. Социальная медицина. М.: Знание, 2008. - 304 с.

## REFERENSES

1. Vasilenko N. Yu. Fundamentals of social medicine.M.:Eksmo, 2011. - 129 p.

2. Health Code of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2017. – 191 p.

3. Constitution of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, - 2016.

4. Luchkevich V. S. Fundamentals of social medicine and healthcare management. Moscow: Education, 1997. 527 p.

5. Martynenko A. V. Social medicine. Moscow: Yurayt, 2014. - 475 p.

6. Murodova N.S. Development of civil society and welfare state in the process of modernization in the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2021.- 172 p.

7. Social medicine - what is it? Main... FB.ru›article/404282/sotsialnaya-meditsina---eto...

8. Tipovsky A. P. Modern medical sciences: a brief essay. M.:INFRA-M, 2012.- 754 p.

9. Chernosvitov E. V. Social medicine. M .: Knowledge, 2008. - 304 p.

## ВЫВОДЫ

**М.С. Муродова**

**СОЦИАЛЬНАЯ МЕДИЦИНА И ЕЕ СТАТУС В ГОСУДАРСТВЕННО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Актуальность.** Определение статуса социальной медицины в государственной и образовательной системе Республики Таджикистан.

**Материал и методы исследования.** В ходе исследовании использовались правовые источники, научная литература и интернет-материалы, а также общенаучные методы исследования, такие как ценностно-нормативный, историко-сравнительный метод.

**Результаты исследования и их обсуждение**. Научные результаты исследования связаны с уточнением значения социальной медицины в системе здравоохранения и образования. Идеи автора были использованы в процессе преподавания общественных и медицинских дисциплин.

**Заключение.** В результате анализа научных и общественных материалов определено, что социальная медицина в Республике Таджикистан находится в процессе становления и развития. В этой сфере Правительство Республики Таджикистан пытается развивать социальную систему медицину еще более живой для оказания медицинских услуг, создания необходимых основ для охраны здоровья людей.

**Ключевые слова:** социальное государство, медицина, социальная медицина, социальные права, общественная медицина.

**УДК: 616.617-007**

**[1]Х. Ибодов, [2]Р. Рофиев, [1]Т.Ш. Икромов, [1]И. Хамидов, [1]Д.С. Мирзоев**

# ЯЗВЕННЫЙ ПИЛОРОДУОДЕНАЛЬНЫЙ СТЕНОЗ У ДЕТЕЙ И РОЛЬ ХЕЛИКОБАКТЕРИОЗА В ЕГО РАЗВИТИИ

***[1]НОУ «Медико-социальный институт Таджикистана»***

***[2]ГОУ «Институт последипломного образования в сфере здравоохранения Республики Таджикистан»***

***Ибодов Хабибулло*** *– д.м.н., профессор, учредитель НОУ «Медико-социальный институт Таджикистана». E-mail: ibodov49@mail.ru; тел: (+992) 900 99 11 77*

***Цель исследования***. *Диагностика степени пилородуоденостеноза (ПДС) и роль хеликобактериоза в его развитии, разработка предоперационной подготовки и хирургической тактики.*

***Материал и методы исследования***. *В основу данной работы положены результаты обследования и хирургического лечения 48 больных язвенной болезни двенадцатиперстной*